# Барномаи минтақавии ХИС ММИС II – Қарзи II барои ЧСП “Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон” (ICB)

| | |
|---|---|
| **Макон:** | ТОҶИКИСТОН |
| **Рақами Лоиҳа:** | 55701 |
| **Бахши фаъолият:** | Муассисаҳои молиявӣ |
| **Намуди эълон:** | ХУСУСӢ |
| **Категорияи экологӣ:** | ММ |
| **Санаи тасдиқкунӣ:** | 17 марти соли 2026 |
| **Ҳолат:** | Тасдиқ гардид |
| **Санаи нашри ҳуҷҷат оид ба тавсифи мухтасари лоиҳа (ҲТЛ) бо забони англисӣ:** | 23 апрели соли 2026<br>Мутобиқи банди 1.4.2 (iii) Дастур “Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот”: “барои лоиҳаҳои аз тарафи роҳбарияти Бонк тасдиқшуда, дар ҳолатҳое, ки Шӯрои директорон барои тасдиқи онҳо ваколат додааст, муҳтавои тавсифи мухтасари лоиха дар оғози давраи дахлдори огоҳинома оиди розигӣ нашр мешавад, ки ба кишвари узви Бонк мутобиқи моддаи 13 (iii) Созишнома оид ба таъсиси БАТР ирсол мегардад." |

## Тавсифи Лоиҳа

Пешниҳод намудани қарзи афзалиятнок дар ҳаҷми то 5 миллион доллари ИМА ба Бонки ICB, ки аз он 3.75 миллион доллари ИМА (муодили он бо Сомонӣ) аз ҷониби БАТР ва то 1.25 миллион доллари ИМА аз ҷониби Хазинаи иқлими сабз (ХИС) дар доираи Барномаи минтақавии

ҳошиявии Механизми маблағгузории иқтисоди сабз (ММИС) (Барномаи ХИС ММИС II Тоҷикистон) таъмин мегардад.

## Ҳадафҳои Лоиҳа

Амалиёти пешниҳодшуда ба меъёрҳои Барномаи минтақавии ҳошиявии ХИС-ММИС мувофиқат мекунад. Муомилоти пешниҳодшуда дар доираи Барномаи минтақавии ҳошиявии ХИС-ММИС пас аз қарзҳои ба ICB дар доираи қарзи I ММИС ва TajCREFF ба маблағи 4,0 миллион доллари ИМА ва 1,0 миллион доллари ИМА мутаносибан дар солҳои 2024 ва 2017 пешниҳодшуда сурат мегирад.

## Таъсир ба раванди гузариш

Холи арзёбии таъсири чашмдошт ба раванди гузариш: 80

Лоиҳа ба ноилшавии ҳадафҳои Барномаи ХИС - Механизми маблағгузории иқтисоди сабз (Барномаи минтақавии ХИС-ММИС) мусоидат мекунад. Он сифати Green TI дастгирӣ намуда, дар баробари ин 100% маблағҳо барои иҷрои чорабиниҳои GET истифода мешаванд. Қарзи ба Бонки ICB дар доираи ММИС пешниҳодшуда шашумин муомилот дар Тоҷикистон дар чаҳорчӯби Барномаи минтақавии ҳошиявии ХИС-ММИС хоҳад буд ва ба ноилшавии ҳадафҳои умумии гузариш, ки дар барномаи мазкур пешбинӣ шудаанд саҳми арзанда мегузорад.

Дар сатҳи Барномаи ММИС Тоҷикистон II ҷузъи татбиқи сиёсати “сабз” илова карда шудааст. Чорабиниҳо ва натиҷаҳои калидии муколамаи сиёсӣ - ислоҳоти ниҳодӣ дар бахши молияи Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ислоҳоти мазкур тавассути дастгирии Бонки миллии Тоҷикистон дар қабули санади меъёрие, ки ба мубориза бар зидди хавфҳои тағйирёбии иқлим нигаронида шудааст, пеш аз ҳама, бо роҳи ифшои ихтиёрии маълумот амалӣ мегардад.

## Маълумот дар бораи муштарӣ

ҶСП “БОНКИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ҚАРЗИИ ТОҶИКИСТОН”

Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи “Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон” (ICB), ки қаблан ҳамчун Аввалин бонки молиявии хурд шинохта мешуд, ҳамчун бонки мукаммали универсалии тиҷоратӣ амал намуда, доираи васеи хизматрасониҳои бонкиро пеш аз ҳама ба корхонаҳои савдои чакана ва ККХМ дар Тоҷикистон пешниҳод мекунад. Ба охири соли 2025 дар байни бонкҳои Тоҷикистон ICB мақоми 12-умро аз рӯи андозаи дороиҳо (ҳисса дар бозор ~2,4 фоиз) ва аз рӯи сандуқи қарзии он (~3,5 фоиз) ишғол намуда буд.

## Маълумоти мухтасар оид ба маблағгузории БАТР

3,750,000.00 доллари ИМА

## Арзиши умумии лоиҳа

5,000,000.00 доллари ИМА

## Хусусияти иловагӣ

**Сохтори маблағгузорӣ:** БАТР **муҳлатеро** пешниҳод мекунад, ки аз муҳлати миёнаи дар бозор дастрас болотар буда, барои таъмини сохтори лоиҳа зарур аст. БАТР **маблағгузориро бо пули миллӣ** бо шартҳои дар бозор мавҷуд набуда пешниҳод мекунад.

**Сохторҳои навовар ва ё воситаҳои маблағгузорӣ**: БАТР **воситаи навовари маблағгузории сабзро** пешниҳод мекунад, ки он дар сохтори маблағгузорӣ чунин ҷанбаҳоро ба монанди стандартҳои алоқаманд бо иқлим ва экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ (ЭИИ) ва/ё масъалаҳои алоқаманд бо хавфҳои иқлимӣ ва ЭИИ-ро дар бар мегирад

**Муайянкунии стандарт:** Ба муштарӣ донишҳои коршиносии БАТР оид бо стандартҳои бештар фарогир ва гендерӣ ва/ё нақшаҳои чорабиниҳо оид ба таъмини имкониятҳои баробар зарур мебошад.

# Муҳтавои масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ

Лоиҳа ба категорияи ММ (СЭИ аз соли 2024) нисбат дода шудааст. Бонки ICB муштарии феълии БАТР мебошад. Айни замон Бонки ICB  талаботҳои экологӣ ва иҷтимоии БАТР (СЭИ) 2, 4 ва 9-ро дар доираи уҳдадориҳои қарзии дар назди БАТР доштаи худ риоя мекунад. Зерлоиҳаҳои мувофиқ ба рушди қарздиҳии "сабз" мутобиқи изҳороти барномавии механизм мусоидат мекунанд ва одатан дорои хавфҳои экологӣ ва иҷтимоии (ЭваИ) сатҳи паст ё миёна тавсиф мешаванд. Хавфҳои асосӣ бо қарзҳои зерқарзии маблағгузоришаванда; дар давоми санҷиши фарогири экологӣ ва иҷтимоӣ охирин ҳисоботи солонаи Бонки ICB оид ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор дода шуд, ки он мувофиқ будани низоми идоракунии масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоиро (НИЭИ) бо талаботи сандуқ тасдиқ намуд.

Бонки ICB бояд низоми идоракунии масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоии (НИЭИ) худро бо мақсади таъмини арзёбӣ, идоракунӣ ва мониторинги самарабахши хавфҳо ва таъсироти экологӣ ва иҷтимоӣ (аз ҷумла хавфҳои истисмори ҷинсӣ, зӯроварӣ ва таъқиби ҷинсӣ) аз рӯи зарурат пеш бурда, таҳким бахшад ва сиёсати кадрӣ, механизми баррасии арзу шикоятҳои дохилӣ ва расмиёти ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро низ пеш барад. Дар баробари ин, тамоми чораҳои мазкур бояд бо талаботҳои экологӣ ва иҷтимоии (СЭИ) № 2, 4 ва 9 БАТР дар доираи Сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ (СЭИ) барои соли 2024 мувофиқ бошанд. Ин риояи рӯйхати фаъолияти аз лиҳози экологӣ ва иҷтимоӣ мамнӯъ барои маблағгузорӣ аз ҷониби БАТР ва дастурҳои дахлдорро барои муассисаҳои молиявӣ низ тақозо мекунад. Гирандагони қарзҳои зерқарзӣ бояд қонунгузории миллиро дар соҳаи муҳити зист ва иҷтимоӣ, тандурустӣ, бехатарӣ ва меҳнат риоя намоянд. Бонки ICB ҳисоботҳои солонаро оид ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ бо фарогирии низоми идоракунии масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоии он (НИЭИ), масъалаҳои риояи талаботҳои меъёрӣ, расмиёти санҷиш ва маълумот дар бораи ҳодисаҳои нохуш, минбаъд низ пешниҳод мекунад.

Тибқи СЭИ аз соли 2024 Бонки ICB инчунин вазифадор аст маълумотро дар бораи НИЭИ ба таври оммавӣ ифшо намояд.

## Ҳамкории техникӣ ва маблағгузории грантӣ

**Ҳамкории техникӣ:**

Лоиҳа бо дастгирии бастаи кӯмаки техникӣ дар сатҳи барнома амалӣ мегардад, ки ҳисоби Фонди иқлими сабз (ФИС), Ҷумҳурии Австрия ва Ҷумҳурии Корея маблағгузорӣ мешавад. Ҳадафи ҲТ расонидани кӯмак ба муассисаҳои молиявии шарик (ММШ) дар самти баланд бардоштани зарфият, амалигардонӣ ва назорати барнома мебошад.

Лоиҳа инчунин дар доираи супориш оид ба ҳамкории техникӣ, ки ба таҳия ва татбиқи нақшаи гузариш аз ҷониби Бонки ICB нигаронида шудааст ва тавассути Фонди махсуси саҳмдорони БАТР (ФМС) маблағгузорӣ мегардад, манфиат мебарад.

**Ҳамкории ғайритехникӣ:**

I. Маблағгузории грантии муодили маблағгузории имктиёзноки ФИС баҳри ҳавасмандгардонии таваҷҷуҳи муассисаҳои молиявии хусусӣ барои иштирок дар Барнома ва равонасозии захираҳои онҳо ба таҳия намудани маҳсулоти мазкур бо мақсади қонеъгардонии талаботҳои сегменти бозори ба таври кофӣ хизматрасонӣ нашуда истифода мешавад. Меъёрҳои ФИС дар сатҳи 80% аз меъёрҳои БАТР бо мақсади дастгирии сиёсати умумии ММИС дар муайянсозии меъёрҳо муқаррар карда мешаванд.

II. Имтиёзҳои сармоягузорӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии талабот ба технологияҳои нав ё хеле муассир дар шароитҳои Тоҷикистон пешниҳод мегарданд. Имтиёзҳо ба қарзгирандагони ниҳоӣ мутобиқи изҳороти барнома пешниҳод хоҳанд шуд ва аз ҳисоби ФМС маблағгузорӣ мешаванд.

## Маълумот дар бораи Ширкат барои тамос

Сергей Шарипов
sergey.sharipov@icb.tj
+992 37 227-91-70
+992 37 227-91-70
https://www.icb.tj/EN
Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи “Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон”, кӯчаи Пушкин, 10, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Санаи охирин навкунии ҲТЛ

23 апрели соли 2026

## Дарки раванди гузариш

Маълумоти иловагӣ дар бораи муносибати БАТР нисбати баҳодиҳии таъсири раванди гузариш инҷо оварда шудааст.

## Имкониятҳо барои тиҷорат

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо имкониятҳои тиҷоратӣ ё харид, бо ширкати муштарӣ тамос гиред.

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо имкониятҳои тиҷоратӣ бо БАТР (ки бо масъалаҳои харид вобаста нест) тамос гиред:

Тел: +44 20 7338 7168
Суроғаи электронӣ: projectenquiries@ebrd.com

Барои лоиҳаҳои бахши давлатӣ аз пайванди зерин истифода баред Фаъолияти харид дар БАТР:

Тел: +44 20 7338 6794
Суроғаи электронӣ: procurement@ebrd.com

## Дархостҳои умумӣ

Дархостҳои мушаххасро метавонед бо истифода аз Варақаи дархости БАТР пешниҳод намоед.

## Сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ (СЭИ)

СЭИ ва Талабот оид ба татбиқи лоиҳаҳо (ТТЛ) роҳҳое, ки БАТР тавассути онҳо уҳдадориҳои худро ҷиҳати мусоидат ба “рушди аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва устувор” иҷро менамояд, муайян мекунанд. СЭИ ва ТТЛ муқаррароти махсусро барои муштариён оид ба риояи талаботҳои амалкунандаи қонунгузории миллӣ роҷеъ ба иттилооти ҷамъиятӣ ва машварат, аз он ҷумла дар бораи ташкили механизми баррасии шикоятҳо барои қабул ва бартараф намудани нигарониҳо ва ҳалли шикоятҳои ҷонибҳои манфиатдор, бахсус, оид ба фаъолияти муштарӣ ва лоиҳа, ки бо масъалаҳои муҳити зист ва иҷтимоӣ алоқаманданд, дарбар мегиранд. Вобаста аз хусусият ва ҳаҷми хавфҳо ва таъсири экологӣ ва иҷтимоии лоиҳа, БАТР иловатан аз муштариёни худ талаб мекунад, ки дар мавриди зарурӣ маълумотро дар бораи хавфҳо ва таъсироти лоиҳаҳо ошкор созанд ё бо ҷонибҳои манфиатдор машваратҳои пурмуҳтаво гузаронида, фикру мулоҳизаҳои онҳоро баррасӣ намоянд ва ба онҳо посух диҳанд.

Маълумоти бештар дар бораи таҷрибаи БАТР дар ин робита дар СЭИ оварда шудааст.

## Росткорӣ ва риояи талабот

Идораи Сармутахассиси БАТР оид ба риояи талабот (OCCO) ба идоракунии шоиста мусоидат намуда, истифодаи стандартҳои олии таҷрибаи росткориро дар тамоми фаъолияти Бонк мутобиқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, таъмин мекунад. Санҷиши маҷмӯии таҷрибаҳои росткорӣ нисбати тамоми муштариёни Бонк бо мақсади пешгирӣ намудани таҷрибаҳое, ки ба росткорӣ ва обрӯву эътибори Бонк таҳдид мекунанд, анҷом дода мешавад. Бонк бар он ақида аст, ки роҳи муассиртарини таъмин намудани росткорӣ дар амалиёти Бонк муайяннамоӣ ва ҳалли масъалаҳо дар марҳилаҳои баҳодиҳӣ ва тасдиқи лоиҳа мебошад. OCCO дар ин талошҳои муҳофизатӣ нақши калидӣ дорад ва инчунин пас аз сармоягузорӣ дар пайгирии таҷрибаҳои таҳдидкунандаи росткорӣ дар лоиҳаҳо кӯмак мекунад.

OCCO инчунин барои таҳқиқи иттиҳомоти қаллобӣ, коррупсия ва рафтори нодуруст дар доираи лоиҳаҳое, ки аз ҷониби БАТР маблағгузорӣ мегарданд, масъул аст. Ҳар як шахс, новобаста аз он

ки дар дохили Бонк ва ё берун аз он аст, дар сурати гумонбарии амали қаллобӣ ё коррупсионӣ бояд ба Сармутахассис оид ба риояи талабот гузориши хаттиро тавассути почтаи электронӣ зерин compliance@ebrd.com ирсол намояд. Тамоми масъалаҳои ирсолшуда аз тарафи OCCO барои қабули чораҳои минбаъда дида баромада мешаванд. Ҳама гузоришҳо, аз ҷумла паёмҳои махфӣ низ баррасӣ мегарданд. Гузоришҳо метавонанд бо ҳама забонҳои Бонк ё кишварҳои амалиёти Бонк тартиб дода шаванд. Маълумоти пешниҳодшуда бояд объективӣ бошад.

## Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот (СДИ)

СДИ пас аз эътибор пайдо намудани он санаи 1 январи соли 2020, роҳҳои ифшо кардани маълумот аз ҷониби БАТР, машварат бо ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати пешбурди огаҳӣ ва фаҳмиши беҳтари стратегияҳо, сиёсатҳо ва амалиётҳоро муайян мекунад. Барои фаҳмидани он, ки дар торнамои БАТР кадом маълумот дастрас аст ба саҳифаи Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот ташриф оред.

Дархостҳои мушаххасро барои гирифтани маълумот метавонед бо истифода аз Варақаи дархости БАТР ирсол намоед.

## Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо (ММҲЛ)

Агар кӯшишу талошҳои Муштарӣ ё Бонк оид ба ҳалли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ё масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот (масалан, тавассути механизми баррасии шикоятҳои Муштарӣ дар сатҳи лоиҳа ё тавассути ҳамкории мустақим бо роҳбарияти Бонк) бенатиҷа монанд, шахсони алоҳида ва ташкилотҳо метавонанд мушкилиҳои худро тавассути муроҷиат ба Мақоми мустақили ҳисоботдиҳии БАТР оид ба лоиҳаҳо ҳаллу фасл намоянд.

ММҲЛ мушкилиҳоеро, ки дар доираи Лоиҳа аз рӯи тахмин зарар овардаанд (ё метавонанд зарар оваранд), мустақилона мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ҳадафи мақом аз ин иборат аст: дастгирии муколамаи ҷонибҳои манфиатдори Лоиҳа баҳри ҳаллу фасли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ва масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот; муайян кардани мувофиқати Бонк бо сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ ё муқаррароти сиёсати дастрасӣ ба иттилоот , ки ба лоиҳаҳои мушаххас алоқаманд мебошанд; ва дар ҳолати зарурӣ, аз байн бурдани ҳамагуна ҳолатҳои мавҷудбудаи риоя накардани ин сиёсатҳо ва ҳамзамон пешгирии риоя накардани талабот дар оянда аз ҷониби Бонк.

Лутфан ба торнамои Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо ворид шавед ва маълумоти бештарро дар бораи ММҲЛ ва ваколатҳои он; тарзи пешниҳоди Дархост барои баррасӣ пайдо намоед; ё бо ММҲЛ тавассути суроғаи электронии ipam@ebrd.com барои гирифтани дастур ва маълумоти бештар дар бораи ММҲЛ ва тарзи пешниҳоди дархост, тамос гиред.